**НОМАИ САРКУШОДА**

**(ба муҳтарам Алишер Идизода)**

**<u>Аввало</u>** – даргузашти нобаҳангоми Искандархонро, ки бародари азизи Шумо ва дӯсти ҳамақидаи мо буданд (ва ҳастанд), таслият мегӯям. Орзу ин аст, ки ба умри бозмондагон Худованд бақо бахшад.

**<u>Сониян</u>** – табрик мегӯям, ки барои шодии рӯҳи Он равоншод матлабе дар ҳафтаномаи муътабари "Адабиёт ва санъат" (17 октябри соли 2003) ба чоп расондаед.

**<u>Севум</u>** – ҳамон матлаб дар Эрон ба чоп расида буд: маҷаллаҳои "Ҷаҳони китоб" (соли 1379, №15-16, саҳ. 30-31; Ҷунбиши ҷомеаи демократӣ дар Тоҷикистон, дафтари 5. – Теҳрон, 2001, с. 66-75), китоби "Ситораҳои Помир" (Теҳрон: Ал-Ҳудо, 1383, саҳ. 161-171). Он мақола "Падруд ҳазораи дувум ... Падруд Искандар" унвон дошт.

**<u>Чаҳорум</u>** – унвони мақоларо дигар кардаед: "Худоё, беватан мемирам охир", ки мисрае аз сурудаи худи он Азиз аст. Аммо номи нависандаи мақола, ки банда бошад, наомадааст. Чаро?

**<u>Панҷум</u>** – аз ин рафтори ҷаноби олӣ банда асло нороҳат нест, чаро ки дар бораи Он ҳамандеши худ банда чандин матлаб ба чоп расондааст, масалан: "Ҷаҳони китоб", 1378, № 13-14, саҳ. 22; "Иттилоот", 6 меҳрмоҳи 1379, саҳ. 6 (нусха аз он мақолаҳо хидмататон фиристода мешавад, то шакку шубҳае намонад). Нигаронии банда аз ин аст, ки Шуморо дар мақоладуздӣ айбдор накунанд?

Агар намехоҳед, ки бадномӣ ба он Бузургвор ва худатон ҳам часпад, баҳонае ба қалам диҳед, масалан: номи муаллифи мақола буд, аммо аз чи бошад, ки паридааст.

**<u>Шашум</u>** – чанд порае, ки аз худ овардаед, ҳам костии забонӣ дорад, ҳам маънавӣ. Таваҷҷуҳ шавад:

1) "Нигоҳ" дар сурати "ногаҳ" омадааст, ки имкон дорад, хатои чопӣ бошад. Аммо "жарфбин" – "суханфаҳм", ва "хонасӯз" – "хонавайронӣ" навишта шудааст, ки мантиқан дуруст намеояд.

2) Баъд аз нақли ин гуфтаи банда: “Онҳо нағз медонанд, ки” Алишерхон илова кардаанд, ки маънӣ надорад: “ба ҷони кӣ ситам намуда, ин офаридаи нотакрорро қатл мекунанду гумон доранд, ки озодона дар замин мегарданд”.

3) Ҷумлаи камина чунин буд: “имконоти забони тоҷикӣ ин иҷозаро ҳам дорад, ки феъл дар шакли сода (ҳамонанди “сабзидан”) истифода шавад”.

Ва он дар ин шакл “бозсозӣ” шудааст:

“имконоти забони тоҷикӣ ин иҷозаро ҳам дорад, ки феъл дар шакли сода истифода шавад, “ситораборон” – “сапедасорон” – “тароназорон” – “падидагорон””.

Ин ҷумла ҳадди ақал ду камбудӣ дорад: якум – “сабзидан” – масдари феълист, “ситораборон” ва мисолҳои дигар исм ҳастанд, на феъл; дувум – ин вожаҳо сода нестанд, сохта ва мураккаб ҳастанд.

4) “Искандар воқеан миллати куҳанфарҳангашро дуст медошт ва ҳарчанд, ки дур аз хоки диёр буд ва дар ғурбат ҷоми шаҳодатро аз дасти қотили бефарҳанге, тоҷики миллаткуше чашид, аммо ки сарнавишт чунин буд, ӯ маргро мардона пешвоз гирифт ва далерона ба олами малакутӣ, ки дар он ҷо кибру ғурур, ҳасаду нотавонбинӣ ва дигар омилҳои нопок, ки мо ҳар рӯз бо он рӯ ба рӯ мешавем, вуҷуд надорад, сафар кард” (“Адабиёт ва санъат”, 17 октябри 2003, саҳ. 7). Оддитарин айби ин ҷумлаи мураккаб ҳамин аст, ки пайвандаки “ки” чаҳор бор омадааст.

Яъне ки қотили Искандари шодравон *тоҷик* будааст. Ин гуфта воқеият дорад? Яъне рост аст? Далелаш ҳаст? Агар рост бошад, ин қотили муздур аз кӣ пул гирифтааст? Ин масъала бояд ҳал шавад.

Дар бораи *тоҷик* бародаратон як бор ҳам гапи бад нагуфтааст. Аҷобат ин ҷост, ки бародараш гуфт, агарчи далелаш рушан нест, воқеият аз чизи дигаре хабар медиҳад.

Банда миллатдусттар, тоҷикдусттар аз Искандар касеро намешиносад. Вай, худ ҳарфи баде аз тоҷик ҳаргиз нагуфтааст. Боястӣ бародараш ҳам қилро аз хамир ҷудо кунад.

Умедворам, ки ин масъаларо рушан мекунед ва аз тариқи матбуот ба чоп мерасонед.

**Ҳафтум** – агар мехоҳед, чун бародар анҷоми вазифа кунед, ба ин торикиҳо низ рушанӣ андозед:

- Пас аз хатми Донишгоҳи Маскав (дар соли 1981) куҷо рафт?
- Бо чӣ кор машғул шуд?
- Афғонистон кай рафт?  Бо чӣ кор машғул шуд?
- Аз Афғонистон кай баргашт?
- Куҷо баргашт? Ва бо чӣ машғул шуд?
- Маскав кай рафт? Аз кай бо “Озодӣ” ҳамкорӣ мекард?
- Сафари охиринаш ба Маскав, ки мондагор шуд, кадом сол буд?..

Барои Донишнома банда мақолаи “Хатлонӣ”-ро супориш гирифтам; маълумоти комилу дақиқи чопиро лозим дорам.

Бо камоли эҳтиром – Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ

Теҳрон, 5 январи 2005

***Падруд ҳазораи дувум… падруд Искандар …***

***Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ***



То поёни ҳазораи дувум се моҳ мондааст. Ва дар ҳудуди се моҳе, ки гузашт, се фарзонаро аз даст додем. Фарзонагоне, ки ҳар яке дар ҷои худ нотакрор буд:

1. Сайф Раҳимзод, достоннавис, дар Душанбешаҳр, дар хонааш, ба дасти ниқобпӯшоне террор шуд;

2. Лоиқ Шералӣ, яке аз тавонотарин шоирони асри бистуми тоҷик, дар Душанбешаҳр ҷон супурд, гӯё ба аҷали худ;

3. Искандари Хатлонӣ, дар Маскав ба дасти ҷаллодони ношинохта, 21 сентябри 2000 (31 Шаҳревари 1379) ба шаҳодат расид …

Касоне номаълум дар канори мо зиндагӣ мекунанд, ки фалсафаи ҳастиро хуб фаҳмидаанд, чорчӯбе аз онон барои худ дуруст кардаанд ва роҳат дар он басар мебаранд, агарчи бо нороҳатиҳо низ рӯбарӯ мешаванд. Онҳо нағз медонанд, ки аз куҷо омадаанд? Куҷо истодаанд? Ва куҷо

равонанд? Онҳо дар ҳамин ойинаи фалсафаи ҳастӣ фарҷоми худро ҳам рӯшан мебинанд ва боке ҳам надоранд, агар ин фарҷом бад аст.

Сайф медонист, ки шамшери ҳунараш чи мекунад ва худаш то куҷо мерасад. Лоиқ медонист, ки садои бефарёдаш чи пажвок дар пай хоҳад дошт, аммо онро баландтар мекард. Искандар ҳам медонист …

Агар намедонист, намегуфт:

*Эй кош, маргамро модарам набинад* …
(Ба ҷуз вожаи дигар ҳеҷ надорам)

Ҳатто инро ҳам медонист, ки дар замине бегона мемирад:

*Худоё, беватан мемирам охир,*
*Ва бегӯру  кафан мемирам охир.*
*Агарчи ваҳдати ҷону танам ҳаст,*
*Парешон ҷону тан мемирам охир.*
(“Таронаи марди ғариб”, 1990)

Искандар аз маҳбубияти ҳамагон бархурдор буд; натанҳо дар Тоҷикистон, балки дар Эрон ҳам. Порсол “Ҷаҳони китоб” (шумораи 13 ва 14, Шаҳревари 1378) навишта буд: “Номи кучакаш Искандар, номи бузургаш Азиззода, имзои машҳураш Искандари Хатлонӣ”.

Вай соли 1954/1333 дар шаҳри Кӯлоб ба дунё омад; дар хонаводаи муаллими таърих ва адабиёт, падар мехост фарзандаш муҳандис шавад ва ӯро пас аз давраи роҳнамоӣ, ба Омӯзишгоҳи сохтмони шаҳри Душанбе овард. Ва аммо Искандар, ки дилбастагӣ ба таърихи миллат ва адабиёти онро аз падар ба ирс бурда буд, пас аз хатми омӯзишгоҳ, тешаву паргорро канор гузошт ва даст ба коғазу қалам ёзид, ва ба Донишгоҳи вежаи адабиёти ҷаҳонии Маскав рафт, ва онро дар 1981 ба поён бурд.

Искандар дар Тоҷикистон ва берун аз он, ба унвони як шоири тозагу ва рӯзноманигори рӯшанфикр маҳбубият ва шӯҳрат дорад; дар бедории мардуми тоҷик ва наҳзати миллӣ ва озодихоҳӣ саҳми вежае гирифтааст.

Вай шоире чирадаст буд, аммо шӯҳратталаб набуд; дафтари ашъораш ба панҷ расад ё нарасад: “Парвоз” (1981), “Шукуфаҳо” (1983), “Садои пои вожаҳо” (Кобул, Ориёно) ва “Гушоиш” (1998).

Ҳунари вай, агар таваҷҷуҳ мефармоед, аз ҳамин чанд намуна ҳам намудор аст:

*Нӯшдоруи Сӯҳробро*
*Аз коми мор наҷӯед!*
(“Қуфли шикаста, калиди гумшуда”, 1990)

Албатта, мунтақиди хурдагир омода аст ба “Қуфли шикаста” эрод ҳам бигирад, ки: “вай ниёз ба калидро надорад”, ва аммо дар унвони шеър аст, на дар пайкари он.

*Ман киштиям, нишастаам ба хушкӣ*
*Бодбонҳоро биёр!*
*Ман садоям гирифта*
*Ту бихон*
*Бихон*
*Чунон ки метавонӣ*
(“Ҳангоми шукуфтани олуболу…”, 1992)

*Дустат дорам*
*Онгуна ки замини ташна*
*Намидани боронро*
*Ва ширхори гурусна*
*Макидани пистонро*
*[...]*
*Дустат дорам*
*Онгуна ки шамшер ғилофро*
*Ва сарбози захмӣ сипарро*
*Ва камон пайконро*
*Ва пайкон нишонро …*
(“Медонад, ки чигуна дустат дорам…”, 1998)

Нигоҳи хонандаи жарфбин ба “намидан” гиреҳ мехурад. Дуруст, маъмулан ин маънӣ дар шакли феъли мураккаб: “нам кашидан” корбурд дорад. Ва аммо имконоти забони тоҷикӣ ин иҷозатро ҳам медиҳад, ки феъл дар шакли сода (ҳамонанди “сабзидан”) истифода шавад. “Ситораборон”,

“сапедаборон”, “тароназорон”, “падидагорон” гӯё ҳар яке як ёқути хуштарош аст дар риштаи шеъри нағзи “Садои рустанзод …” (1992).

Яке дигар аз хушкорҳои дилкаши Искандар “Ҳечистон” аст - дар шаклҳои: “ҳечистонӣ”, “ҳечистониён”, “Ҳечистони азизам” - дар маънии исми макон, маконе ки аз ҷунбишу пӯйиш холӣ аст, яъне ки сокинонаш ба хобе ширин рафтаанд.

Ҳамин вожа, ба ҳукми як истилоҳи иҷтимоъӣ ва сиёсӣ, метавонад раҳнамои дунёи ормонҳои шоири ҷавонмарги мо бошад.

Аз ҷумлаи вежагиҳои низоми Шӯравӣ, яке ин буд ки саросари марзҳояш қуфл дошт ва калидаш дар марказ, дар ҳафт сандуқ. Ва аммо солҳои даҳаи ҳафтодуми мелодӣ, Шӯравӣ ночор шуд то чанде аз соҳибқаламҳои тоҷикро ба Афғонистон, ба унвони тарҷумони мутахассисони рус фиристад, ва Афғонистон барои бисёре аз он соҳибқаламон мактабе шуд. Ҳангоми кор дар миёни ҳавқавмони худ, онҳо худро шинохтанд.

Яке аз он соҳибқаламони бедордил, дар солҳои даҳаи шастуми мелодӣ Бозор Собир буд, дар солҳои даҳаи ҳаштодум Искандари Хатлонӣ.

Вай дар Кобул, ба дарди дерин пай бурд ва аз роҳи дигар рафт, ва ҳарфи тозаи худро гуфт:

*Ман бо ту лек ҳарфи дигар дорам*
*Аз дард, аз ниёз хабар дорам.*
*Бо ман биё, ки азми сафар дорам*
*Шӯре ба сина, замзамае бар лаб*
*Дар сар ҳавои роҳи дигар дорам*
*Бо ман биё, ки азми сафар дорам…*
(“Ҳавои роҳи дигар дорам …”, 1986)

Ҷомеаи тоҷикон, ба ташбеҳи нишонраси Искандар, ба киштие мемонад, ки равон аст (гӯиё), на соҳил пайдост ва на манзили мурод мушаххас:

*Киштии мо роҳе аст*
*Ташнагон бисёранд*
*Нохудо медонад*
*Соҳиле пайдо нест…*
*Ва дар мақтаъ мегӯяд*
*Муҳри хомушӣ вале*
*Бар лаби мост ҳанӯз*

*То куҷо раҳсипарем*
*Аз дили шаб то рӯз?!*
(“Роҳёби шабнаворд”, 1987)

Ин нукта ҷолиби таваҷҷуҳ мекунад, ки Искандар ҳануз дар он солҳо, дар поёни даҳаи ҳаштодуми melodӣ, дунболи ин пурсишҳо буд.

*Раҳоӣ чист?*
*Растагор куҷост?*
*Ҳақиқат чӣ маънӣ дорад?*
*Оё истиқлолро низ маззае ҳаст?*
(“Садои пои вожаҳо …”, 1989)

Дарвоқеъ, маззаи истиқлолро намедонистанд; касоне ки онро дар ком доштанд, аз дами теғ гузаштанд, онҳое ки аз шунидаҳо тасаввур мекарданд, гулчин мешуданд …

Ва ҳамон замон буд, ки вай, Искандар, ошкору нотарсона нидо дардод, ба дунболи Бозор, Лоиқ ва …

*Дар ин давлат, ки мо давлат надорем*
*Ватан бозичаи дасти дигарҳост*
*Ман он дардам, ки дармоне надорад*
*Ман он мардам, ки бедор асту танҳост …*
(“Таронаи марди ғариб”, 1990)

Зарурати сафаре навин, ва рафтан ба роҳе дигарро Искандар возеҳ ва равшан дид. Аммо дар сафар, бавежа ба роҳе норафта, танҳо намераванд, балки бо ҳамроҳ мераванд; беҳтар ки ҳамроҳон бештар бошанд. Ва шикваи талхи Искандар ҳам аз ҳамин аст, аз танҳоӣ - танҳоие, ки ин аз хатар нест. Дар шеъри “Фурутанони сар ба меҳр …” (1989), ки ба устод Бозор бахшидааст, мегуяд:

*Ҳангоме ки ман*
*Танҳои танҳо месароям*
*Ва гулуям гирифта*
*Ва садоямро шояд ҳеч кас намешнавад*
*Ба ҷуз бод*
*Боде танҳотар аз ман*

*Боде саргардон …*

Рӯшанфикрони тоҷик бавежа аз солҳои даҳаи ҳаштодуми мелодӣ, беш аз пеш бар сари он маънӣ таъкид мекарданд, ки ғафлат марговар аст ва ҳарчи зудтар бояд бедор шуд. Искандар ҳам гуфт:

*Шитоб бояд кард*
*Шитоб*
        *бояд*
                *кард!*
*Зеро сукути мо марг аст!*
(“Бародарони Юсуф ва дигарон …”)

Тоҷикистон ҳанӯз истиқлол надошт ва Искандар ин заруратро эҳсос мекард ва барояш талош ба харҷ медод:

*Хоб мебинам*
*Ки дар ин қаламрави маҳдуд*
*Сарзамини озодистон месозам*
*Ва мепиндорам*
*Ки дигар Ҳечистоне нестам* -
*Ҳарчи будаам*
*Ва бохтаам*
            *Ҳастам!*
*Ва ҳарчи бояд бошам ва набудаам*
            *Ҳастам!*
*Ҳарчи мехоҳам бошам*
*Ва намехоҳанд, ки бошам*
*Ва*
*Ҳастам!*
(“Манзил харидем …”, 1989)

Ва аммо раҳоӣ аз доми Ҳечистон, кори содае нест; душворӣ ин ҷост, ки ҳечистониён бедор нестанд. Ва душвортар ин аст, ки бадхоҳон бедортаранд ва хайрхоҳон дар ғафлат:

*Достонҳои куҳанро хондаем*
*Ва аз хиёнатҳо огоҳем*

*Ва беайнак ҳам мебинем*
*Ки чи нағз*
*Ва чи устодона*
*Юсуфи моро*
*Гумшуда эълон мекунед*
*Ва Рустами моро*
*Ба чоҳи Исфандиёр меафканед*
*Ва парҳои симурғи моро*
*Ба дастури арбоби бегонагон*
*Мефурушед*
*То тавонмандӣ аз онҳо бихаред*
*Ва пой дар гулуи фарёдамон бигзоред…*
(“Мо ва шумо”, 1990)

Дар он рӯзгор, ки дар дарёи пуртуфон киштии фарсудаи Тоҷикистон шиновар буд, бо тарсе фаровон ва биме андак, ҳамин тарси фаровону бими андак, дар дили Искандар ҳам ҷой дошт ва аз ашъораш садо медод:
*Маро бо худ набурд*
*То бимонам*
*Ва ҳастидани ҳафт пуштам бошам*
*(...)*
*Ман ба номаш бовар дорам*
*Ӯ ҳастидани ҳафт пушти ман аст*
*Ва ягона ҳам забонам*
*Дар сарзамини талхи ҷудоӣ…*
(“Дар сарзамини талхи ҷудоӣ …”, 1991)

У рушан медид, ки хонасӯз нифоқ аст; ҳамон нифоқе ки шоҳроҳе аст барои душман ва аз ҷону дил даъват ба амал овард:
*Дарича*ҳ*ои хунамро боз мекунам*
*Ва дар раги замин фарёд мезанам*
*Ҳой мардум,*
*Мардум,*
*Мардум!*
*“Ман”-ҳои танҳо бас аст!*

*Биёед*
*Якҷо бо ҳам*
*“Мо” бошем!*
(“Мо бошем …”, 1989)

Ва мутаассифона, “ман”-ҳои танҳо мондем, “мо” нашудем; ва душман ба осонӣ шикаст: ҷанги таҳмилии 1992-97-ро бар гардани Тоҷикистон бор кард. (Аламовартар ин аст, ки ҳам ҷангро таҳмил карданд ва хуни садҳо ҳазор бачаи Тоҷикистонро рехтанд, ҳам онро “ҷанги дохилӣ” ва “ҷанги хонагӣ” қаламдод намуданд, ҳатто бо забони худамон).

Искандарро ҳам ноумедӣ ба оғӯши худ гирифт:
*Барф меборад*
*Роҳро гум кардам*
*Ва намедонам*
*Ки ба он боғча рӯи каф дасти Худо*
*Аз куҷо*
*Аз куҷо*
*Аз куҷо баргардам?!.*
(“Аз куҷо баргардам?!., 1994”)

У, ки аз орзуи “мо” шудан ноумед гашта буд, чораи ягонаро дар ниёиш дид, аз худаш; ва дасти дуо бардошт:
*Худоё!*
*Худовандгор!*
*Яздоно!*
*Парвардигор!*
*Ҳама номҳоятро*
*Медонам!*
*Мешиносам!*
*Бар ин миллати озурда ҷони раҳмат ӯро*
(“Мелоди оғоз”, 1997)

Искандар, дар шеъре ки ба шоири кӯшёри порсӣ бахшидааст, мегӯяд:
*Бо вожагонат*
*Сангро об мекунӣ*

Аммо вай, бо рафтани худ, дили тоҷиконро, балки ҳама форсизабононро, ҳатто бегонагонро об кард. Равони он покмард шод бод!

***

Имрӯз ки ба теғаи замони ду ҳазорум наздиктар мешавем, нигоҳе ба роҳи гузашта афкандан, суде хоҳад дошт.

Оғози садаи равон, барои тоҷикон хуш набудааст. Рӯшанфикроне, ки раҳоӣ аз банди ақибмондагӣ ва бозсозии тадриҷии ҷомеаро дар ислоҳи мактабу мадраса, озодии матбуот ва густариши маорифи зиндагисози исломӣ медиданд, ба хоку хун кашида шуданд; Мирзо Назрулло, Мирзо Файёз, Мирзо Ҳайит Саҳбо, Аҳмадхоҷа Меҳрӣ, Сайидҷон Махдуми Назмӣ, Мирзо Аҳмад, Ҳоҷӣ Абдусаттор, Хоҷа Сироҷиддин, Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Нақибхон Туғрал Аҳрорӣ ва ғ. ҷони худро аз даст доданд; ва дере нагузашта, ки Бухорои шариф ҳам аз даст рафт.

Дар солҳои даҳаи бистуми мелодӣ, чанде аз озодагон хуни ҷигар шуданд, то Ҷумҳурии хурде бо номи Тоҷикистон бунёд ёбад. Ҳамин ҷумҳурии хурду мазлум дар поёни садаи 20 касби истиқлол кард. Боз ҳам пардохташ бо ҷон шуд - ҷони фарзонагоне монанди: Юсуфхон Исҳоқӣ, Қадриддин Аслонов, Мақсуд Икромов, Олимҷони Заробек, Сайф Раҳимзод, Ҷаҳонхон Ризоев, Пирум Сатторӣ, Муродулло Шерализода, Шамсиддин Собир, Айниддин Содиқ, Муҳаммад Осимӣ, Муҳиддин Олимпур, Мусо Исо, Кароматулло Қурбон ва ғ. ва дар охири ин феҳристи нокомил, номи Искандари Хатлонӣ меояд. Худо кунад, ки “охирин” бошад …

**Теҳрон, меҳрмоҳи 1379/2000**